## ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-131 назди МДТ “Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино” ба диссертатсияи Раҳимзода Олим Шариф дар мавзуи “Оптимизатсияи ташхис ва муоличаи невралгияи баъдигерпесӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиббӣ аз рӯйи ихтисоси 3.1.11. Неврология**

Комиссияи экспертӣ дар ҳайати: доктори илмҳои тиббӣ, профессор Шарипова Хурсанд Ёдгоровна (раис), номзади илмҳои тиббӣ Гаримадов Ситам Назарович ва номзади илмҳои тиббӣ Фирузаи Искандарӣ бо гузаронидани экспертизаи ибтидоии кори диссертатсионии унвонҷуйи кафедраи асабшиносии МДТ “Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино” Раҳимзода Олим Шариф дар мавзуи “Оптимизатсияи ташхис ва муоличаи невралгияи баъдигерпесӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиббӣ аз рӯйи ихтисоси 3.1.11. Неврология чунин хулоса медиҳад:

1. Мавзуъ, муҳтавои диссертатсия ва автореферат ба ихтисоси 3.1.11. Неврология, инчунин ба соҳаи дахлдори илм – неврология мувофиқат мекунад, ки аз рӯйи он Шурои диссертатсионии 6D.КОА-131 назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино» қабул, баррасӣ ва ҳимояи диссертатсияҳоро иҷозат медиҳад.

2. Невралгияи баъдигерпесӣ (НБГ) яке аз оризаҳои вазнин ва маъмултарини табхоли фарогир (Herpes zoster) мебошад. Вирус дар ганглияҳои сенсорӣ дар шакли ниҳонӣ нигоҳ дошта шуда, ҳангоми суст шудани масуният реактиватсия мешавад. Ҳар сол то як миллион ҳолати табхоли фарогир дар ИМА, 3–5 ҳолат ба 1000 аҳолӣ дар минтақаҳои укёнуси Ором ва 13,09 ҳолат ба 100 ҳазор аҳолӣ дар Россия ба қайд гирифта мешаванд. Дар Тоҷикистон солҳои 2000–2010 гирифторшавӣ ба табхоли фарогир 1,3 маротиба ва дар Душанбе 1,6 маротиба афзуд.

НБГ бо дарди шадид ва тоқатфарсо тавсиф мешавад, ки ба сифати зиндагӣ ва ҳолати равонӣ таъсири манфӣ мерасонад. Беморон аксаран нишонаҳои депрессия ва изтироб доранд. НБГ навъи душвормуолиҷаи дарди нейропатӣ буда, бо осеби асабҳои сенсорӣ ва симпатикӣ ҳамроҳ аст, ки ба ихтилоли микроциркулятсия ва танзими ҳарорат меорад.

Муолиҷаи НБГ бояд инфиродӣ ва бисёркомпонента бошад: назорати дард, пешгирии ихтилолоти нашвӣ, истифодаи ваксина ва доруҳои зиддивирусӣ, антидепрессантҳо, зиддиташаннуҷҳо ва опиоидҳо. Пентоксифиллин ҳамчун воситаи беҳсозии микроциркулятсия ва бартараф кардани вазоспазм пешниҳод мешавад, ки самаранокии муолиҷаи маҷмуиро меафзояд.

Ҳамин тавр, НБГ то ҳол мушкилоти мубрам боқӣ мемонад. Бо вуҷуди таҷрибаи ҷаҳонӣ, усулҳои муосири муолиҷа ҳамеша натиҷаи устувори клиникиро таъмин намекунанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқоти мустақим оид ба таъсири вируси табхоли Zoster ба ҷараён ва хусусиятҳои НБГ то имрӯз анҷом нашудааст, ки зарурати тадқиқоти мазкурро асоснок месозад.

3. Дар раванди иҷрои таҳқиқоти илмӣ, диссертант масъалаи муҳими илмиро ҳал менамояд, ки ба беҳсозии ташхис ва муолиҷаи невралгияи баъдигерпесӣ равона шудааст. маълум шудааст, ки синни бемор яке аз омилҳои асосии хатари инкишофи НБГ: беморӣ дар солхӯрдаҳо, қиёсан ба миёнсолон, 2,3 маротиба бештар мушоҳида мешавад. Зимнан, бештар ҷараёни музмин ташаккул меёбад, инчунин басомади ҷалбшавии дерматомаҳои гардан ва шохаҳои асаби сегона меафзояд. Невралгияи баъдигерпесӣ бо дигаргуниҳои марҳалавӣ-вобастагии ҳарорати мавзеии пӯст тавсиф меёбад: дар марҳалаи шадид қитъаҳои гипертермия («қитъаҳои гарм») ҳамчун инъикоси вазодилататсияи нейрогенӣ-илтиҳобӣ бартарият доранд; дар давраҳои зершадид ва музмин қитъаҳои гипотермия («қитъаҳои хунук»)-е афзалият доранд, ки бо вазоконстриксия ва гипоперфузияи

симпатикӣ ифодаёфта асоснок шудааст. Ҳангоми 84,5%-и беморони гирифтор ба НБГ навъҳои патологии микрогардиш ошкор мегардад, дар ин маврид зимни 58,9 %-и ҳодисаҳо бештар ҳангоми ҷойгиршавиҳои камарӣ-чорбандӣ ва торакалӣ ихтилолоти вазнини гемодинамикӣ (ташаннуҷӣ ва рукудӣ-ихтилоҷӣ) мушоҳида мегардад. Муайян кардани ҳарорати мавзеии пӯст, ҳангоми НБГ, меъёри объективии арзёбии ҳолати асабҳои канорӣ ва танзими нашвӣ ба ҳисоб рафта, онро барои санҷиши самаранокии муолиҷаи татбиқшуда ба кор бурдан мумкин аст. Ба муолиҷаи маҷмуии НБГ ҳамроҳ намудани пентоксифиллин (системавӣ ва усули электрофорези доруӣ) ба таъсири нисбатан саҳеҳи клиникӣ мусоидат менамояд, ки бо барқароршавии ҳарорати пӯст (74,4 % муқобили 55,1 % ҳангоми муолиҷаи стандартӣ), муътадилшавии микрогардиш (41,1 % муқобили 33,3 %), ба 2,3 маротиба коҳиш ёфтани синдроми дард (27,8 % муқобили 64,1 %) тасдиқи худро меёбад.

4. Аз рӯи натиҷаҳои рисола 11 корҳои илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1 патент (рақами бақайдгирӣ 1717 аз 5.05 соли 2026) ва 1 пешниҳоди ратсионализаторӣ (рақами бақайдгирии 36539/R1141 аз 20.09 соли 2025) ба қайд гирифта шуда, инчунин натиҷаи 7 пажуҳиш дар маводҳои конференсияҳои илмӣ-амалӣ ба чоп расонида шуда.

Муқаррароти асосии кори диссертатсионӣ дар конференсияҳои илмию амалии олимони ҷавон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино (Душанбе, 2024, 2025); конференсияи илмию амалии ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино (Душанбе, 2025); инчунин дар симпозиуми асабшиносони Тоҷикистон (Душанбе, 2024, 2025) пешниҳод ва муҳокима гардиданд. Натиҷаҳо дар ҷаласаҳои Ҷамъияти неврологҳои Тоҷикистон «Нейрон» низ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Натиҷаҳои пажуҳиш дар амалияи клиникии шуъбаи неврологии Маркази миллии тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Шифобахш”, инчунин дар раванди тадриси кафедраи неврология татбиқ шудаанд.

**Таълифоти нашршудаи довталаб**

**I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:**

1. Раҳимзода О.Ш. Современные подходы к диагностике постгерпетической невралгии [текст] / О.Ш. Раҳимзода, Н.А.Зарифи, М.Б. Исоева // Ж. “Симург”. – 2024. – № 3 (23). – С. 158-165.
2. Раҳимзода О.Ш. Усулҳои муосири табобати невралгияи баъдигерпесӣ / О.Ш. Раҳимзода, Н.А. Зарифӣ, М.Б. Исоева, Ш.Р. Рабоева [матн] // Авҷи Зуҳал. – 2024. – № 4. – С. 121- 130.
3. Раҳимзода О.Ш. Показатели температуры кожи в зонах пораженнных дерматомов у больных с постгерпетической невралгией [текст] / О.Ш. Раҳимзода, Н.А.Зарифи, М.Б. Исоева // Ж. “Симург”. – 2025. – № 3 (23). – С. 158-165.
4. Раҳимзода О.Ш. Зуҳуроти клиникии невралгияи баъдигерпесӣ вобаста ба категорияҳои синнусолии беморон [матн] / О.Ш. Раҳимзода, Н.А. Зарифӣ, М.Б. Исоева, Рабоева Ш.Р. // Авҷи Зуҳал. – 2025. – № 4. – С. 121- 130.

**II. Мақолаҳо ва фишурдаи интишорот дар маҷмуаҳои дигар**

1. Раҳимзода О.Ш. Половозрастные особенности постгерпетической невралгии [текст] / О.Ш. Раҳимзода, Н.А.Зарифи, М.Б. Исоева // Материалы годичной (73-ой) научно-практической конференции “Наука и образование для здоровой нации” с международным участием ГОУ “ТГМУ имени Абуали ибни Сино”– Душанбе, 2025. – С. 364.
2. Раҳимзода О.Ш. Оценка риска развития постгерпетической невралгии у больных, проходивших противовирусное лечение в фазе острого герпеса [текст] / О.Ш. Раҳимзода, Н.А.Зарифи, М.Б. Исоева // Материалы годичной (73-ой) научно-практической конференции “Наука и образование для здоровой нации” с международным участием ГОУ “ТГМУ имени Абуали ибни Сино”– Душанбе, 2025. – С. 365-366.

3. Раҳимзода О.Ш. Нишондиҳандаҳои ҳарорати пӯст дар қитъаҳои дерматомаҳои иллатнокшуда ҳангоми беморони мубтало ба невралгияи баъдигерпесӣ [матн] / О.Ш. Раҳимзода // Маводҳои 73ум конференсияи солонаи илмӣ-амалӣ бо иштироки хориҷӣ “Илм ва таҳсилот бахри солимии миллат МДТ “ДДТТ ба номи Абуаль ибни Сино”. – Душанбе, 2025. – С. 365.

4. Рахимзода О.Ш. Клинические фенотипы боли при постгерпетической невралгии: динамика фазового течения и локализационные особенности [текст] / О.Ш. Рахимзода, М.Б. Исоева, Н.А. Зарифи // Материалы республиканской научно-пракической конференции “Современные стратегии диагностики и лечения внутренних и эндокринных заболеваний в условиях коморбидности” ГОУ “ТГМУ имени Абуаль ибни Сино” – Душанбе, 2026.– С. 147-148.

5. Рахимзода О.Ш. Нарушения микроциркуляции при постгерпетической невралгии: локализационные особенности и системный характер вегетативной функции [текст] / О.Ш. Рахимзода, М.Б. Исоева, Д.М. Бобиева // Материалы республиканской научно-пракической конференции “Современные стратегии диагностики и лечения внутренних и эндокринных заболеваний в условиях коморбидности” ГОУ “ТГМУ имени Абуаль ибни Сино” – Душанбе, 2026.– С. 148-149.

6. Рахимзода О.Ш. Постгерпетическая невралгия как медико-социальная проблема [текст] / О.Ш. Рахимзода // Материалы международнолй научно-практической конференции молодых учёных и студентов ГОУ “ТГМУ имени Абуали ибни Сино”, посвященной 35-летию государственной независимости Республики Таджикистан “Прогресс и интеграция: научные достижения в клинике” ГОУ “ТГМУ имени Абуали ибни Сино” – Душанбе, 2026. – Том 1. – С. 435.

7. Рахимзода О.Ш. Типы микроциркуляции при постгеретической неврални: прогностическое значение и терапевтические ориентиры [текст] / О.Ш. Рахимзода, Н.Х. Негматова, Б. Сарвиноз // Материалы международнолй научно-практической конференции молодых учёных и студентов ГОУ “ТГМУ

имени Абуали ибни Сино”, посвященной 35-летию государственной независимости Республики Таджикистан “Прогресс и интеграция: научные достижения в клинике” – Душанбе, 2026. – Том 1. – С. 435.

**Патент барои ихтироот**

1. Нахустпатенти Ҷумҳурии Тоҷикистон №1717. Тарзи лазердопплерфлоуметрии дараҷаи вазнинии невралгияи баъдигерпесӣ / О.Ш. Рахимзода, М.Б. Исоева, Н.А. Зарифи, С.М. Абдуллозода. – 2026.

**Пешниҳоди навоварӣ**

1. Рационализаторское предложение. Способ оптимизации терапии постгерпетической невралгии / О.Ш. Рахимзода, М.Б. Исоева, Н.А. Зарифи, С.М. Абдуллозода. – Душанбе, 2026. – 3653/R1141.

5. Комиссияи экспертӣ эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро тасдиқ менамояд, ки он бо ҳаҷми кофии маводи таҳқиқотӣ, мушоҳидаҳои бисёрсолаи клиникӣ, коркарди омории натиҷаҳо, таҳлили амиқи нашрияҳои илмӣ оид ба масъалаи мазкур чоп шуда ва нашри натиҷаҳои таҳқиқоти шахсии муаллиф асоснок мегардад. Хулоса ва тавсияҳои таҳқиқот бар пояи таҳлили илмии маълумоти клиникию функсионалӣ ва анамнестикӣ, инчунин хусусиятҳои муолиҷаи беморони гирифтор ба невралгияи, ки дар рафти мушоҳидаҳои амбулаторӣ ба даст оварда шудаанд, тартиб дода шудаанд.

6. Дар автореферати диссертатсия мавқеъҳои асосии кори диссертатсионӣ инъикос ёфтаанд. Эродҳо оид ба тартиб ва ороиши диссертатсия ва автореферат вуҷуд надоранд.

7. Комиссияи экспертӣ қабул гардидани диссертатсияро дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-131 назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино» тасдиқ менамояд.

8. Ба сифати муассисаи пешбар тавсия дода мешавад:

Донишгоҳи давлатии тиббии Самарқанд (ш. Самарқанд)

9. Ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

**Нургужаев Еркин Смагулович** – доктори илмҳои тиббӣ, профессори кафедраи бемориҳои асаби Донишгоҳи миллии тиббии Қазоқистон ба номи С.Д. Асфендияров.

**Фирузаи Искандарӣ** – доктори фалсафа (PhD), духтур-асабшиноси Маркази тиббии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Комиссияи экспертӣ ҷойгиркунии эълон оид ба ҳимоя, матни диссертатсия ва авторефератро дар сомонаи расмии МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино» ва дар сомонаи расмии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин нашр ва паҳнкунии автореферат ва паҳлуҳои дигари арзёбии диссертатсияро, бо пешниҳоди хулосаҳо иҷозат медиҳад.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Раҳимзода Олим Шарифро дар мавзуи "Оптимизатсияи ташхис ва муолиҷаи невралгияи баъдигерпесӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиббӣ аз рӯйи ихтисоси 3.1.11. Неврология баррасӣ намуда, дар асоси банди 60 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Раҳимзода Олим Шариф дар мавзуи "Оптимизатсияи ташхис ва муолиҷаи невралгияи баъдигерпесӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиббӣ аз рӯйи ихтисоси 3.1.11. Неврология ба ҳимоя қабул карда шавад.
2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 3.1.11. Неврология мувофиқат доранд, ба ҳайси **муқарризони расмӣ** пешниҳод менамояд:

- Нургужаев Еркин Смагулович – доктори илмҳои тиббӣ, профессори кафедраи бемориҳои асаби Донишгоҳи миллии тиббии Қазоқистон ба номи С.Д. Асфендияров.

- Фирузаи Искандарӣ – доктори фалсафа (PhD), духтур-асабшиноси Маркази тиббии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии тиббии Самарқанд (ш. Самарқанд) тавсия дода шавад.

3. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино» ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад

4. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**

доктори илмҳои тиббӣ Шарипова Х.Ё.

**Аъзоёни комиссияи экспертӣ:**

номзади илмҳои тиббӣ Гаримадов С.Н.

номзади илмҳои тиббӣ Қосимова Д.У.

«01» 07 2026 г.

ПОДПИСЬ Қосимова Д.У.
ЗАВЕРЯЮ
НАЧАЛЬНИК ОТДЕЛА КАДРОВ
“01” 07 2026

имзои/подпись Шарипова Х.Ё.
ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ/ЗАВЕРЯЮ
САРДОРИ БАХШИ КАДРИИ РРК/
НАЧАЛЬНИК ОТДЕЛА КАДРОВ УРК
„01" 07 2026 с/г